# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи ба Коллеҷҳои тиббӣ табдил додани омузишгоҳҳои тиббӣ

Тибқи тартиби татбиқи Консепсияи ислоҳоти омӯзиши тиб ва дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Омӯзишгоҳҳои тиббии шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа аз соли хониши 1999-2000-ум ба коллеҷҳои тиббии мӯҳлати таҳсилашон 4 сол табдил дода шаванд.

2. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

барномаҳои дарсии коллеҷҳои тиббиро дар асоси Стандарти давлатии таълими маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намояд;

якҷоя бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи коллеҷҳои тиббиро таҳия ва тасдиқ намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов

аз 16 марти соли 1999 № 100

ш.Душанбе